Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рачабзода Сорбон Абдусалом дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 33 сах.)

Масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида ва барқарор намудани зарари расонидашуда вазифаи ниҳоят муҳим буда, барои расидан ба ин максад лозим аст, ки механизмҳои самараноки товони зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда коркард карда шаванд. То кадом дарача ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва эътимоди онҳо ба давлату мақомотҳои қудратии он вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар бобати кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баён доштанд: «Дар сатҳи Конституцсия инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф шудааст, ки мавҷудияти ин меъёр баёнгари амалан ба ҷомеаи мутамаддини муосир пайвастани Тоҷикистон мебошад ва дар айни замон шаходати он аст, ки кишвари мо дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва давлати иҷтимоӣ пойдевори устувор ва заминаи боэътимод гузошта истодааст».

Вазифаи асосии давлати иҷтимоӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади расидан ба онро дорад, ин фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як сокини худ мебошад. Шаҳрвандон бояд бовар дошта бошанд, ки ҳангоми зарар дидан аз кирдорҳои ҷиноятӣ ва муроҷиати онҳо ба макомоти дахлдор, пеш аз ҳама, талаботи онҳо ҷиҳати ҷуброн намудани зарари ба онҳо расонидашуда, тибқи тартиби бо

конунгузорӣ муқарраршуда одилона ҳаллу фасл карда мешавад. Дар замони муосир диққати ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатҳои бунёдашон демократӣ пайваста ба коркард ва пайдо намудани роҳу усулҳои нави ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони кирдорҳои ҷиноятӣ ва таъмини ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда равона шудааст.

Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба раванди умумиҷаҳонӣ ҳамроҳ буда. баҳри расидан ба мақсадҳои гузошташуда аҳамияти хоса дода, мунтазам саъю талошҳои ҷадидро роҳандозӣ менамояд. Низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон масъалаи овони зарар аз ҷиноятро мутобиқи Конституцсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрни ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ конституцсионӣ. ҷиноятӣ, гражданӣ, мурофиавӣ, меҳнатӣ ва ғайра ба рох мондааст. Вале новобаста ба ин, масъалаи товони зарар аз ҷиноят дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳоло ҳам мубрам ва баҳсталаб боқӣ мемонад. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Раҷабзода С.А. ба паҳлӯҳои мухталиф ва норавшани масъалаи товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти таърихӣ дорад.

Хамзамон, тахквдоти дассергатсионии мазкур дар доираи дурнамои коркой илмию тахдакотии кафедраи хукуки хукуки инсон ва хукукцшносии мукоисавии факултети хукукцшносии Донишгохи миллим Тодикистон - «Проблемахои назариявии ташаккули низоми хукукци ЦТ дар замони муосир барои солкой 2016-2020» ва «Масъалахои назариявии инкишофи низоми хукукци ЦТ дар партави равандхои дахонишавй барои солкой 2021-2025» андом дода шудааст.

Тахкикоти диссертатсионии мазкур аз назари интихоби мавзуъ,

гузориши масъалаи баррасишаванда ва роху усулхои тахдак аз дигар рисолахо фарк дошта, дар ин самт аввалин тахкикоти илмй мебошад, ки пахдукои дудогонаи назариявй ва амалии институт товони зарар аз диноятро дар Цумхурии Тодикистон фаро шрифта, мавриди тахдал царор дода шудааст. Нуктахои илмй, пешнихрд ва тавсияхои муаллиф хамаги асоснок, кобили дастгирй буда, барои рушди фаъолияти соха таъсири назаррас мегузорад.

Диссертатсияи Рачабзода С.А. фарогири фехристи ихтисорот, мукаддима, се боб, хашт зербоб, хулоса, тавсияхо оид ба истифодаи амалии натичахои тахкикот ва фехристи адабиёти истифодашуда буда, ба максад, вазифа ва мантики тахкикот асос ёфтаанд.

Тахкикоти диссертатсионии пажўхишгар фарогири чор давраи рушди институти товони зарар аз чиноят – ташаккул ва инкишофи товони зарар аз чиноят дар низоми хукуки зардуштй; товони зарар аз чиноят ва татбики он тибки сарчашмахои хукуки мусулмонй ва низомхои дигари хукукию одатй; инкишофи институти товони зарар аз чиноят дар Точикистони шуравй; инкишофи институти товони зарар аз чиноят дар замони сохибистиклолии Точикистон мебошад. Диссертант дуруст кайд менамояд, ки "Дар замони амали низомхои хукуки зардуштй, хукуки мусулмонй ва хукуки одатй дар худуди Точикистони таърихй дар баробари дигар институтхои хукукй падидаи товони зарар аз чиноят низ вучуд дошт ва дар алокамандй бо дигар институтхои хукукй, махсусан институти чазо амал мекард. Чазо бо максади баркарор кардани зарари бо кирдори чиноятй расонидашуда таъин карда мешуд. Алокамандии институти чиноят ва чазо бо институти товони зарар аз чиноят дар алохидагй ба назар расида, бо назардошти дарачаи вазнинии зарари расонидашуда чиноятхо ба категорияхо чудо карда мешуданд" (сах. 12).

Бояд кайд кард, ки нуктахои илмй ва тавсияхои амалие, ки дар автореферати рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар тахияву тачдиди

қонунгузории соҳавӣ, таҳия ва омода намудани стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, граждани ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

Аз мазмун ва мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст. Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба моддаи 8-и Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми сеюм дар таҳрири зерин илова карда шавад: «3. Ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят вайрон шудаанд, бояд барқарор ё ҷуброн карда шаванд». Аз унвонҷӯ доир ба масъалаи мазкур асосноккунии иловагӣ талаб карда мешавад, чаро маҳз дар принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ бояд ин муқаррарот ворид карда шавад, на ин ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ.

2. Пешниҳоди дигари унвонҷӯ дар он аст, ки баҳри ҳаматарафа татбиқ намудани талаботи моддаи 131-и КМҶ ҶТ ба муқаррароти қисми 3-и моддаи 310-и КМҶ ҶТ, ки ба маҳдудиятҳои истифода нагардидани институти «тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» бахшида шудааст, мавҷудияти даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ низ ҳамчун маҳдудияти татбиқи институти мазкур ворид карда шавад. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар чунин сурат ин тағйирот маҳдуд кардани ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад ё не.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сатҳу сифати рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавкеи муаллифро ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳо дар алоҳидагӣ инъикос менамоянд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Рачабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи "Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон" кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Д.Х.

Имзои Д.Х. Элназаров -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Телефон: +992 227 53 37; +992 227 86 48
Суроғаи электронӣ: p.rektora@mail.ru; sabkar@list.ru